# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ш. Душанбе, 2026 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун яке аз намудҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити имрӯза аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар ҷомеаи муосир, ки равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ босуръат тағйир меёбанд, масъалаи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсият ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат табдил ёфтааст. Дар ин замина, ҷавобгарӣ ҳамчун воситаи муҳимтарини мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ ва пешгирии он баромад мекунад.

Мубрамияти мавзуъ, пеш аз ҳама, бо афзоиши шаклҳо ва усулҳои нави ҳуқуқвайронкуниҳо, аз он ҷумла ҷиноятҳо алоқаманд аст. Бо рушди технология ва ҷаҳонишавӣ, намудҳои нави кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои киберӣ, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва муташаккилона ба миён омадаанд, ки танзими ҳуқуқии дақиқ ва самаранокро талаб мекунанд. Дар чунин шароит, такмил додани асосҳои назариявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи замони муосир аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад.

Илова бар ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун институти асосии ҳуқуқӣ на танҳо аз татбиқи ҷавобгарӣ нисбати шахсони гунаҳкор, балки тарбияи онҳо, пешгирии такрори ҳуқуқвайронкунӣ, аз он ҷумла шакли вазнини содиршавии он ҷиноят, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва дигарро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи моҳият, принсипҳо ва асосҳои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ зарур мебошад.

Ҳамчунин, дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, масъалаи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Таъмини мувозинат байни манфиатҳои давлат ва ҳуқуқҳои шахс яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои такмили низоми ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аҳаммияти назаррас дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки он яке аз аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявию ҳуқуқӣ оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи таҳқиқот рушди қонунгузории ватанӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, инчунин масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба таври низомнок мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷойгоҳи он дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, инчунин ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили қонунгузории ватанӣ ва сиёсати ҳуқуқии давлат дар ин самт мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот масъалаҳои зерин ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд:

– омӯзиши мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми ҳуқуқи муосир;

– таҳлили функсияҳо ва аҳаммияти иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар таъмини қонуният ва пешгирии ҷинояткорӣ;

– баррасии принсипҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва нақши онҳо дар татбиқи одилонаи қонун;

– омӯзиши таҷрибаи муқоисавии давлатҳои хориҷӣ дар танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ;

– муайян намудани мушкилоти назариявӣ ва амалии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асосноккунии хулосаҳо ва тавсияҳои ин таҳқиқот аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бармеояд. Таҳқиқоти мазкур, ки ба омӯзиши комплексии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудааст, рушди қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар ин самт ба таври системавӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Омӯзиши адабиёти илмӣ имконият дод, ки мафҳумҳо, категорияҳо ва истилоҳоти асосии марбут ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар маҷмуъ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ дар алоҳидагӣ ба таври дақиқ ва илмӣ асоснок шарҳ дода шаванд, ки ин барои фаҳмиши дуруст ва татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқи дар самти ҷавобгарии ҳуқуқи, хосатан ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои диссертатсия ба таҳлили амиқи маводи эмпирикӣ ва манбаъҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, инчунин дигар стратегияҳо ва санадҳои барномавии давлатӣ такя менамояд.

Муаллиф инчунин доираи васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, бо истифода аз усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили мантиқӣ ва системавӣ, дурустии натиҷаҳои бадастомадаро санҷидааст. Ин равиш имкон дод, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ на танҳо назариявӣ, балки амалӣ ва қобили татбиқ бошанд.

Ҳаҷми кофии маводи таҳлилшуда, истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва меъёрӣ, инчунин нашри натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро тасдиқ менамоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳлили муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ таҳия гардидаанд.

Дар маҷмуъ, асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии диссертатсия бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, таҳлили васеи манбаъҳои ҳуқуқӣ ва илмӣ, инчунин муносибати системавӣ ба омӯзиши масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ таъмин карда шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 217 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ мавҷуданд, муайян мегарданд. Маҳз ҳамин мушкилот зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ,

навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд;

Боби якуми диссертатсия **«Мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ба ошкор намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити рушди равишҳои муосири илмӣ-методологӣ равона шудааст. Дар мазмуни он масъалаҳои бунёдии назарияи ҷавобгарӣ пайдарпай мавриди баррасӣ қарор мегиранд: фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дақиқ карда мешавад, функсияҳои он таҳлил мегарданд, инчунин бо дарназардошти баҳсталаб будани нуқтаҳои назари дар адабиёти илмӣ пешниҳодшуда, намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавсиф дода мешаванд. Бо ҳамин тарз, боби мазкур заминаи назариявиро ташаккул медиҳад, ки барои таҳқиқоти минбаъдаи зуҳуроти соҳавии ҷавобгарӣ зарур мебошад

Зербоби якуми боби якум ба масъалаи **«Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуқтаҳои назарии илмӣ-методологӣ»** бахшида шуда, дар ин бахш муаллифи таҳқиқот иброз доштааст, ки мафҳуми ҷавобгарӣ дар шакли умумии худ маънои фалсафӣ, забонӣ, иҷтимоӣ ва методологӣ дошта, муносибати махсуси иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии шахсро нисбат ба давлат ва ҷомеа ифода мекунад, ки аз иҷрои вазифаи маънавию ҳуқуқӣ иборат аст (саҳ. 26 диссертатсия).

Зербоби дуюми боби якум – **«Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб меравад (саҳ. 45 диссертатсия). Маҳз дар натиҷаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳои ҷавобгарӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд. Дар ин бахш таъкид мешавад, ки муроҷиат ба тавсифи функсионалӣ имкон медиҳад, ки аз фаҳмиши умумӣ ва тасвирии ҷавобгарӣ берун баромада, ба таҳқиқи таъсири воқеии он ба воқеияти иҷтимоӣ гузар карда шавад, яъне муайян карда шавад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба чӣ тарз иҷрои вазифаҳоеро, ки низоми танзими ҳуқуқӣ дар назди он гузоштааст, таъмин менамояд.

Зербоби сеюми боби якум – **«Намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар баробари андешаҳо оид ба намудҳои нав арзи вуҷуд намудаи ҷавобгарӣ,

атрофи намудҳои маъмули ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ гуногунандешӣ ҷой дорад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ, молиявӣ, экологӣ, ин намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиеанд, ки дар илм мавҷудият ва моҳияту хусусиятҳои онҳо то андозае таҳқиқ гардидаанд. Вале ин маънои онро надорад, ки дигар проблемаҳои мавзуи баҳс атрофи онҳо мавҷуд нест. Имрӯзҳо вобаста ба рушди илм, қонунгузорӣ, пайдо гардидани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки танзими хоси ҳуқуқиро талаб мекунанд, муносибатҳои ҳуқуқӣ низ рушд намуда истодаанд. Ҳамзамон амалӣ гардидан ва ё вайрон намудани онҳо низ ҳамчун намудҳои нави муносибатро оид ба ҷавобгарии мусбӣ ва манфӣ талаб менамоянд. Дар ин миён ба ҳайси намуди мустақил эътироф намудани баъзе аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хеле баҳснок ва душвор буда, таҳқиқоти алоҳидаро талаб менамояд (саҳ 64 диссертатсия).

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи **«Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ба ошкор намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ченаки умуминазариявӣ равона гардидааст. Дар доираи он масъалаҳои муайян намудани мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ, ошкор сохтани моҳият ва аломатҳои хоси он ҳамчун яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, инчунин принсипҳои умумии ҳуқуқӣ таҳлил мешаванд, ки мазмуни ҷавобгарии ҷиноятиро муайян намуда, самтҳои танзими меъёрӣ ва татбиқи амалии онро муқаррар месозанд

Зербоби якуми боби дуюм – **«Мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуи бунёдӣ ва хеле муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқу омӯзиши институти давлатии ҳуқуқӣ дар баробари категорияҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ омӯхта мешаванд. Ҳамзамон зерсохторҳои институти «ҳуқуқвайронкунӣ» ва «ҷавобгарии ҳуқуқӣ», ки дар илми ҳуқуқшиносӣ аллакай ҳамчун институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд, ин категорияҳои «ҷиноят», «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазо» мебошанд (саҳ 88 диссертатсия).

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном гирифта, ба таҳқиқи принсипҳое бахшида шудааст, ки пояҳои ин институтро ташаккул дода, ҳудудҳои сохтори меъёрӣ ва татбиқи амалии онро муайян менамоянд. Таъкид мегардад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ яке аз ҷойгоҳҳои марказиро ишғол намуда, дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ он ҳамчун унсури бунёдии механизми ҳуқуқӣ баромад намуда, ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва самаранокии танзими ҳуқуқиро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, татбиқи пайдарпайи принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ ҳамчун шарти ҳатмии кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, «амалисозии дуруст ва самараноки адолати судӣ, риояи қонуният ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин таъмини адолати иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад (саҳ 103 диссертатсия).

Боби сеюми диссертатсия ба масъалаи **«Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ»** бахшида шуда, дар он масъалаҳои такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Зербоби якуми боби сеюм – **«Такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки сиёсати ҳуқуқӣ бо назардошти оне, ки таҳқиқи умуминазариявиро дар асоси усулҳои методологии таҳлили давлат, ҳокимият, сиёсат, ҳуқуқро талаб карда, таҳлили шакли амалишавии он ба таҳқиқоти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, тарбияи ҳуқуқӣ вобаста аст, категорияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дониста мешавад. Мафҳум, тарзу воситаҳо, усулҳо ва режими танзими ҳуқуқӣ дар он истифода мегардад. Он бо шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ алоқамандии зич дорад. Сиёсати ҳуқуқӣ мақсади муайян намудани дурнамои рушди низоми давлатию ҳуқуқиро доро мебошад (саҳ. 134 диссертатсия).

Зербоби дуюми боби сеюм – **«Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ»** ном гирифта, муаллиф

зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки масъалаи такмил додани қонунгузории ҷумҳурӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ «аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста мебошад (саҳ. 154 диссертатсия).

Хулоса аз 7 банди аҳаммияти назариявӣ дошта ва 5 банди ба ҷанбаи амалӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулоси таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод шудааст. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фароҳам оварда ва ба беҳтар шудани сатҳи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат намуда метавонанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои гузошташударо дар асоси таҳлили комплексии масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷанбаҳои татбиқи он ба таври ҳамаҷониба баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба рушди минбаъдаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дигар илмҳои ҳуқуқӣ, ки ба масъалаи мазкур иртибот доранд, мусоидат менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии марбут ба мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ равшан карда шаванд. Ҳамзамон, таҳқиқот барои ташаккули самти алоҳидаи илмӣ дар доираи омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун институти ҳуқуқи ҷиноятӣ замина гузошта, ба такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи он ба коҳиши ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, кам шудани зарари молиявӣ ва беҳтар гардидани муҳити иқтисодии ҷомеа мусоидат мекунад. Ин, дар навбати худ, ба таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори муносибатҳои иқтисодӣ дар кишвар шароит фароҳам меорад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар баланд бардоштани сатҳи қонуният, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ифода меёбад. Такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба коҳиш ёфтани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо, хосатан сатҳи ҷинояткорӣ, таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба қонун ва мақомоти давлатӣ ва дар маҷмуъ ба рушди устувори иҷтимоии ҷомеа мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 22 мақолаи илмӣ, ки аз он 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе эродҳо, ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар саҳифаҳои 63-86-и таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи таносуби ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз қабили ҷавобгарии маъмурӣ, интизомӣ ва маданӣ-ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вале, дар баъзе мавридҳо меъёрҳои фарқгузории онҳо ба таври мушаххас, пайгирона ва мукаммал асоснок карда нашудаанд. Аз ҷумла, муаллиф бештар ба тавсифи умумии хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ таваҷҷуҳ намуда, масъалаҳои марбут ба ҳудуди татбиқ, асосҳои ба вуҷуд омадан, тартиби амалӣ гардидан ва оқибатҳои ҳуқуқии намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқиро дар муқоиса бо ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври амиқ таҳлил накардааст. Инчунин, дар диссертатсия масъалаи ҳамоҳангии баъзе намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хусусан ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ зиёд ба назар мерасад, таҳқиқи васеъ наёфтааст. Аз ин рӯ, аз муҳаққиқ хоҳиш карда мешавад, ки маҳакҳои дақиқи фарқгузории намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дар ҳимояи ошкорои диссертатсия баён менамуданд;

2. Дар рисолаи номзадӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ зикр ва баррасӣ мегардад, вале моҳият, нишонаҳо, унсурҳо ва сохтори дохилии он аз нигоҳи назарияи ҳуқуқ ба таври пурра ва системавӣ таҳлил нашудаанд. Мафҳум бештар хусусияти тавсифӣ дошта, фарқияти он аз дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (маъмурӣ, маданӣ, интизомӣ) ба таври возеҳ ва асоснок нишон дода нашудааст;

3. Дар таҳқиқот масъалаи таҳдидҳои муосир, аз ҷумла ҷинояткории муташаккил, коррупсия ва ҷиноятҳои киберӣ зикр мешаванд, вале робитаи мустақими онҳо бо самаранокии низоми ҷавобгарии ҷиноятӣ, намудҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва зарурати такмил додани механизмҳои татбиқи онҳо ба таври пурра таҳлил нашудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар

мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сафарбекзода Ҳ.С.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
735140, ш. Бохтар, кӯчаи С. Раҳимов 6. 49
Тел.: +992909050303 Е-майл: hukmiddih-1981@mail.ru

**Имзои Сафарбекзода Ҳ.С. - ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.
“ 03 ” 06 2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
Тел.: +9928322224863, почтаи электронӣ:
bgu-1978@mail.ru, сомонаи расмӣ: **www.btsu.tj**